*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодИ Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе,734067, кӯчаи Нахимов, 64/4*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зидагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволи аҳолии минтақа зарурате дар пеш меистад, ки имкониятҳои ҷойдоштаро аз тариқи усулҳои муосири омӯзиш муайян карда, сафарбар намоем. Чунин равандҳо зарурати омӯзиш ва татбиқи стратегияи баланд бардоштани вазъи некуаҳволӣ ва самаранок ба роҳ мондани дастгирии давлатиро ба миён меорад. Ҳукумати кишвар вобаста аз имконияти иқтисодӣ-молиявӣ, дар заминаи шуғли пурмаҳсули аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, паст намудани сатҳи бекорию муҳоҷирати меҳнатӣ дар самти рушди минтақаҳо аз тариқи коркарди барнома ва стратегияҳои рушди минтақаҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки назарияҳои дар кори таҳқиқоти шаклгирифташуда заминаҳои муҳим оид ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснок намудани муносибатҳои иқтисодӣ дар соҳаи ғаллакории кишвар, такмили назариявӣ-методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалии онҳо дар истифодаи самараноки иқтисодии истеҳсолоти ғаллаи ҷумҳурӣ истифода бурд.

Диссертант иброз медорад, ки ба сатҳ ва сифати зиндагии мардум комплекси омилҳои иқтисодӣ, маълумотнокӣ, иҷтимоӣ ва инчунин инкишофи илму техника таъсири худро мерасонанд. Албатта, миёни омилҳои мазкур равобити зич арзи вуҷуд дорад, вале барои таҳияи модели математикӣ-иқтисодии баҳодиҳии дараҷаи таъмини сифати хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва некуаҳволии мардуми вилояти Хатлон, ба инобат гирифтани кулли омилҳои зикршуда баробари мураккаб будан хело муҳим мебошад. Ба ақидаи мо, баррасии алоҳидаи ин омилҳо метавонад боиси таъмини рушди устувори сатҳ ва сифати зиндагӣ гардад. Бинобар ин, вобаста ба самти таҳқиқот ба инобат гирифтани омилҳои иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад (саҳ.21).

Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи

илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба конунхо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дастоварду пешниҳодоти дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳамият холӣ нестанд:

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони хориҷиву ватанӣ истифода кардааст, аммо фикри муаллиф кам ба назар мерасад;
2. Дар хулосабарории боби дуюми диссертатсия бисёр бамаврид мебуд аз таҳлили ҷадвалҳо ва диаграммаҳое, ки дар боби дуюми рисола мавриди таҳқиқ қарор додашуда буданд натиҷагирӣ карда мешуд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои таҳқиқ шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30.06.2021) таҳия гардидаанд.

Ниҳоят, автореферати диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич бо забони илмӣ навишта шуда, аз рӯйи мазмун ва сифати нигориш ҷавобгӯ ба талаботи иҷрои кори диссертатсионӣ омода гардида, аз рӯйи хулосагирӣ ва муқаррароти пешниҳодшуда кори илмӣ ба анҷомрасида мебошад.

Дар маҷмӯъ, аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бар меояд, ки диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич мавзуи рӯзмара буда, ба талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он бешубҳа сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Олимов С.И.**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ**
**Тел:987-27-67-00, E-mail: olimov.sadi@mail.ru**

**“Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент Олимов С. -ро тасдиқ мекунам”**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои**
**махсуси АИДНПҶТ** **Ҳомидов Ш.Б.**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ ...
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ